Дастурамали мансабии
Мушовири Раёсати молиявии
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Боби 1.

1.1. Мушовии Раёсати молиявии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Мушовири Раёсат), ба категорияи сеюми мансабҳои маъмурӣ хизматчии давлатӣ мутобиқи Феҳрасти мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст;

1.2. Мушовии Раёсат, тибқи қонунгузории хизмати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба мансаб таъйин ва аз мансаб озод карда мешавад, Ӯро бо фармоиши Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъйин ва озод менамоянд;

1.3. Мушовири Раёсат ба Сардори Раёсат ва муовини Ӯ, ва дар сурати набудани Сардори Раёсат ва муовини Ӯ, ба Вазир ва муовинони Ӯ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад;

1.4. Ба мансаби Мушовири Раёсат дигар кормандони Раёсат, тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд;

1.5. Дар мавриди зарурӣ, Мушовири Раёсатро -мушовири дигар ва ё кормандони дигар, тибқи ҷадвали мансабҳои маъмурӣ, иваз карда метавонанд;

1.6. Мушовири Раёсат бо мушовирони дигар сохторҳои марбутаи Вазорат ва дар сурати зарурӣ бо дигар мансабдорони воҳидҳои сохторӣ, ҳамкорӣ карда метавонад.

Ба ӯҳдадориҳои мансабии мушовири Раёсат вазифаҳои зерин дохил мешаванд:

1. Пеш бурдани ҳисоботҳои молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии суратҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетии Вазорат дар асоси талаботи нави ҷоригардидаи "Низоми нави идоракунии иттилоотии молияи давлатӣ ва системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET)";

2. Пеш бурдани ҳисоботҳои амалиётҳои бонкӣ ва хазинавии суратҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетии Вазорат дар асоси талаботи нави ҷоригардидаи "Низоми нави идоракунии иттилоотии молияи давлатӣ ва системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET)";

3. Пеш бурдани ҳисоботҳои гардиши молу амвол дар анбори Вазорат дар асоси талаботи ҷоригардидаи "Низоми нави идоракунии иттилоотии молияи давлатӣ ва системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET)";
4. Пешбурдани ҳисоботҳои хароҷоти сӯзишвории Вазорат дар асоси талаботи ҷоригардидаи "Низоми нави идоракунии иттилоотии молияи давлатӣ ва системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET)";
5. Пайваста (ҳамасола) дар асоси фармоиши Вазир иштирок намудан дар якҷоягӣ бо комиссия ва гузаронидани барӯйхатгирии (инвентаризатсия) молу амволи манқул ва ғайриманқули Вазорат ва тартиб додани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор;
6. Таҳия ва пешбурдани китоби асосии Вазорат тибқи талаботи нави ҷоригардидаи "Низоми нави идоракунии иттилоотии молияи давлатӣ ва системаи ягонаи иттилоотии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SGB.NET)";
7. Омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии зерин: а) ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ (шакли 1); б) ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (шакли 2); в) ҳисобот оид ба даромад ва зарари молиявӣ (шакли 3); г) ҳисобот оид ба иҷроиши сметаи ягонаи даромад ва хароҷот (шакли 5).

Боби 2. (Талаботи тахассусӣ)

2.1. Мушовири Раёсат дорои маълумоти олии молиявӣ, ҳамзамон, собиқаи на кам аз 10-солаи умумии меҳнативу, собиқаи на кам аз 5-солаи хизмати давлатиро дошта, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, инчунин байналмилалиеро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, хуб медонад;
2.2. Иловатан, талаботи тахассусӣ нисбати мансаби мазкур, ин назорати иҷрои супоришҳои Сардори Раёсат ва дар сурати зарурӣ Роҳбарияти Вазорат доир ба масъалаҳои молиявӣ - муҳосибӣ, аз ҷумла назорати хароҷоти сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии Дастгоҳи марказии Вазорат, Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа мебошад.

Боби 3. (Ӯҳдадориҳои мансабӣ)

3.1. Ба ӯҳдадориҳои мансабии Мушовири Раёсат, сарпарастии шуъба, таъмини фаъолияти шуъбаи дахлдор, дар доираи қонунгузориҳои маҷудбуда, инчунин таъмини истифодаи мақсаднок ва сарфакоронаи

маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии Дастгоҳи марказии Вазорат, Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дохил мешаванд.

Инчунин, ба ӯҳдадориҳои Мушовири Раёсат вазифаҳои зерин дохил мешаванд:

3.2. Иҷрои супоришҳои Сардори Раёсат, роҳбарияти Вазорат вобаста ба мукотиба, гузориш ва ҳуҷҷатҳо дар доираи Раёсат;

3.3. Таҳлили мукотибаи молиявии вазорату идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, назорат аз болои иҷрои саривақтии мукотибаи дохилӣ бо сохторҳои воҳидии Дастгоҳи марказӣ аз ҷониби кормандони Раёсат;

3.4. Таҳия намудани ҳисоботҳо, гузоришҳо ва пешниҳодҳои гуногун доир ба вазъи иқтисодӣ, молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии Дастгоҳи марказӣ, Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба Роҳбарияти Вазорат;

3.5. Баррасии дигар ҳуҷҷатҳо ва санадҳои гуногун роҷеъ ба масъалаҳои иқтисодӣ, банақшагирӣ, молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии Дастгоҳи марказии Вазорат, Намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа.

Боби 4. (Ҳуқуқҳо)

4.1. Мушовири Раёсат аз мушовирони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои системаи он оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияти соҳа, мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;

4.2. Бо тартиби муқарраргардида кормандонро дар мувофиқа бо Сардори Раёсат барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи воҳидҳои сохтории дастгоҳ вогузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбасти ҳисобот, ҷалб намояд;

4.3. Дар доираи салоҳиятҳои вогузоршуда, дар сурати ғоиб будани Сардори Раёсат ва Муовини Раёсат машварату семинарҳо ташкил намояд, инчунин дар машваратҳое, ки роҳбарият ва дигар мақомоти давлатӣ мегузаронанд, иштирок намояд;

4.4. Мушовири Раёсат дорои дигар ҳуқуқҳои пешбинӣ намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4.5. Назорат аз болои кормандони Шӯъба, ҷиҳати иҷрои саривақтии вазифаҳои мансабии худ;

4.6. Баргузор намудани ҷаласа ва машваратҳои дохилии Раёсат, дар сурати ғоиб будани Сардори Раёсат, ва ба иттилои кормандон

расонидани маълумот оид ба натиҷаи ҷаласаҳои назди Роҳбарият ва мушовараи Вазорат доир гашта.

Боби 5. (Масъулият)

5.1. Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани онҳо, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҷониби Роҳбарияти Вазорат ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад;

5.2. Дар сурати пешниҳод намудани маълумоти нодуруст, ҳангоми қабул ба кор низ тибқи бандҳои қонун "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва "Дар бораи хизмати диломатӣ" ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

5.3. Дар сурати пайдо гардидани мамониатҳо ва ё риояи мамониятҳое, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" муқаррар гардидаанд, корманд аз вазифа барканор ва ё ҷазо дода мешавад;

5.4. Дар ҳолати риоя накардани меъёрҳои Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, тибқи бандҳои зикргардидаи қонунҳои ҷорӣ, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

5.5. Инчунин, барои ифшои сирри хизматӣ, риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилӣ, пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва вазъи амволи хмзматчии давлатӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва вайрон намудани молиякияти давлатӣ низ, тибқи тартиби мавҷуда, ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

Боби 6. (Муқаррароти хотимавӣ)

6.1. Дастурамалҳои мансабӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд;

6.2. Ҳуқуку ӯҳдадориҳо, масъулияти Мушовири Раёсат дар дастурамалҳои мансабӣ, ки аз ҷониби Вазир тасдиқ карда мешаванд, пешбинӣ мегарданд;

6.3. Масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи Раёсат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд;

6.4. Як нусхаи дастурамали мансабӣ дар ихтиёри Раёсати кадрҳо ва иттилооти махсус ва дуюм дар ихтиёри хизматчии давлатӣ қарор мегирад;

6.5. Дастурамали мансабӣ дар китоби махсус ба қайд гирифта мешавад, вобаста ба ин хизматчии давлатиро зарур аст, ки дар сурати гирифтани нусхаи он дар китоби махсус имзои худро гузорад.